**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо суроғаи ш. Душанбе, 734067, кӯчаи Нахимов 64/14**
**E-mail: faridullo72@mail.ru**

# ТАҚРИЗИ

**муқаррizи расмӣ ба кори диссертатсионии Кабиров Шарофудин Раҳмудинович дар мавзуи “Таъсири равандҳои муҳоҷират дар бахши кишоварзии бозори меҳнати минтақавӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод гардидааст.**

1. **Мутобикати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Диссертатсияи Кабиров Шарофудин Раҳмудинович, ки дар мавзӯи “Таъсири равандҳои муҳоҷират дар бахши кишоварзии бозори меҳнати минтақавӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)” барои ҳимоя ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба Шуроӣ диссертатсионии 6Д. КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон пешниход шудааст, дар доираи шиносномаи ихтисоси 08.00.03 — Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ иҷро шудааст, ба зербандҳои 7. Бозорҳои локалӣ (маҳаллӣ), ташаккулёбии онҳо, амалкард ва ҳамкорӣ, 15. Мақсадҳо ва механизмҳои сиёсати давлатии тараққиёти минтақаҳо. Шаклҳо ва механизмҳои баҳамтаъсиррасонии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми ҳалли масъалаҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 19. Самаранокии истифодаи омилҳои истеҳсолот дар рушди иқтисодиёти минтақавӣ. Қонуниятҳо ва хусусиятҳои ташкил ва идоракунии сохторҳои иқтисодӣ дар минтақаҳо, 22. Инкишофи бозори минтақавии меҳнат. Иқтидори меҳнатӣ дар минтақаҳо ва вижагиҳои идоракунии он. Муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар минтақаҳо. Вижагиҳои ҷойгиркунии минтақавии иқтидори меҳнатӣ; 24. Рушди комплекси агросаноатӣ дар минтақаҳо, вижагиҳои минтақавӣ ва ҳудудии рушди кишоварзӣ мувофиқат мекунад.

**2. Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Диссертатсияи Кабиров Шарофудин Раҳмудинович, ки дар мавзуи “Таъсири равандҳои муҳоҷират дар бахши кишоварзии бозори меҳнати минтақавӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)” дар радифи яке аз афзалиятҳои миллӣ - рушди шуғли пурмаҳсул, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумхурии Тодикистон барои давраи то соли 2030 муқаррар гаштааст, ва Консепсияи рушди шуғли пурмахсули аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2040, инчунин дар иртибот ба зарурати таҳкими

механизмҳои танзими бозори меҳнат шароити қуввабарзиёдии минтақавии вай иҷро гардидааст.

Ҳиссаи кишоварзӣ дар бозори меҳнати вилояти Хатлон аз чунин нишондиҳандаи сатҳи ҷумҳуриявӣ мунтазам зиёд боқӣ монда, дар соли 2021 андозаи 66,7 фоизро ташкил додааст. Андозаи музди меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ дар вилояти Хатлон соли 2021 нисбати чунин нишондиҳанда дар сатҳи чумҳурӣ 31,3% кам мебошад.

Илова ба ин нишондиҳандаҳои ҷолибии меҳнат дар бозори меҳнат ба чунин омилҳо ба монанди шароити кирояи қувваи корӣ, дараҷа ва андозаи музди меҳнат, шароити кор, бехатарии кор, имкониятҳои таҳсил, такмили ихтисос ва ғайра арзёби карда мешавад, ки онҳо дар бахши кишоварзӣ нисбати дигар бахшҳои иқтисодиёти кишвар дар сатҳи паст арзёбӣ мегарданд.

Ҳамаи ин омилҳо албатта ба рушди муҳоҷирати меҳнатӣ меорад ва теъдоди зиёди он метавонад ба худи бахши кишоварзии ватанӣ таъсири манфӣ расонад. Дар ҳамин раванд бояд зикр кард, ки то ҳол таъсири равандҳои муҳоҷират дар бахши кишоварзии бозори меҳнати минтақавӣ дар мисоли як минтақаи алоҳидаи ҷумҳурӣ ҳанӯз ба таври кофӣ таҳқиқ нашудааст ва роҳҳои ҳалли худро талаб менамояд.

Дар робита ба ин, омӯзиши равандҳои муосири муҳоҷират, таҳлили миқёс, самтҳо ва омилҳое, ки онҳоро муайян мекунанд, инчунин муайян кардани ҷанбаҳои гуногуни таъсири муҳоҷират ба бахши кишоварзии бозори меҳнати минтақа, мубрамии мавзуи рисола ва сабаби интихоби онро нишон медиҳад.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар рисола бадастомада** Нововарии илмии натиҷоҳои бадастомада дар таҳияи равишҳо ва тавсияҳои назариявӣ оид ба ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию таъсири равандҳои муҳоҷират дар бахши кишоварзии бозори меҳнати минтақавӣ (дар мисоли вилояти Хатлон) ифода меёбад: Унсурҳои асосии навгонии илмӣ инҳоянд.

- Муаллиф назария ва равишҳои назариявии таҳқиқи идоракунии раванди муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзии минтақаро дар вилояти Хатлон арзёби намудааст,ки мубодилаи қувваи кориро самаранок истифода номуда ва исбот карда шуда, афзалият ва бартариятҳои кишоварзӣ инчунин истеҳсолоти ҳудудию саноатӣ ташаккул ва инкишофи ҳамчун саҳми бартаридоштаи рушди низоми иқтисоливу иҷтимоии минтақа эътироф карда шудааст.
- Исбот карда шудааст, ки дар натиҷаи таҳқиқи таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ ва истифодабарии таҷрибаи ин мамлакатҳоро дар бозори меҳнати кишоварзии ба вилояти Хатлон барраси намудан дар иқтисодиёти минтақа баромад намуда, дар ин замина барои баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳо, сатҳи рақобатпазирии минтақа, ҷолибияти ин мамлакатҳо аз он ҷумлаъ: Юнон, Шветсия, Норвегия, Ирландия, Дания, Олмон, Фаронса,

Британияи Кабир, Испания, Федератсияи Россия истифодаи механизми идоракунии раванди муҳоҷират ва сохтани платформаи рақамӣ, фаъолият ва рушди устувори он шароит фароҳам месозад.

- Дар заминаи таҳлили муаллиф дар бозори меҳнати минтақа муайян карда шуд, ки афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар давраи мавриди таҳлил нишондиҳандаҳои рушди устуворро дар вилояти Хатлон таъмин намудааст, ки яке аз сабабҳои асосиаш, ба андешаи муаллиф, паҳншавии беморӣи COVID-19 мебошад. Дар кишварҳои собиқ иттиҳоди шуравӣ вилояти Хатлон тавонист соҳаи кишоварзиро дар сатҳи баланд карор диҳад. аз ҷониби ҳамаи кишварҳои ИДМ баста шуданд. Дар ин ҳолат дар вилояти Хатлон барзиёдии қувваи корӣ ба вуҷуд омада, қисми бештари он ба кишоварзӣ машгул шуд арзиши маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ дар бозорҳои дохили мамлакат таъғир наёфта ва гурӯҳбанди карда шуда, иқтидори соҳаҳои қишоварзӣ ва иқтисодиёт минтақаро ошкор ва имконияти таъсиси ин чунин баррасӣ карда шудааст.

- Самтҳои стратегии такмили асосҳои инистутсионалӣ ва ташкилию иқтисодии ташаккул ва инкишофи масъалаҳои мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ дар самти таъсири муҳоҷирон, ки музди меҳнати паст дар соҳаи кишоварзиро доранд аз ҳисоби афзоиши шумораи корхонаҳои кишоварзии зарардида ва қарздор мебошанд. Чун ки механизми татбиқи онҳо коркард ва таъсиси кластерҳои ҳудудию саноатӣ пешниҳод карда шудааст.

- Модели дигари муаллиф барои даланд бардоштани мутахасисони соҳаи кишоварзи таҳия карда шуда, дар асоси омӯзиш ва инкишофи он муайян карда шудааст. Ин чунин зиёд намудани муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла донишгоху донишкадаҳо ва коллеҷҳо бо мақсади тайёр намудани кадрҳои болаёқат дар соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон пешниҳод гардонида шудааст.

- Илман асоснок намудани муаллиф сохтори такмилёфтаи механизми идоракунии раванди муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзии минтақа ва таъсисдодани онро ҳамчун омили мусбати рушдодан дар минтақа пешниҳод гардонидааст

**4. Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Рушди ҷанбаҳои назариявии бозори меҳнат ва муҳоҷират дар соҳаи кишоварзӣ дар сатҳи минтақа тавассути пешниҳоди таърифи нави он;

2. Пешниҳоди методикаи арзёбии равандҳои муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзии минтақа;

3. Пешниҳоди механизми идоракунии раванди муҳоҷират дар бахши кишоварзӣ дар заминаи таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ (таҷрибаи кишварҳои Олмон, Фаронса, Федератсияи Россия);

4. Пешниҳоди усулҳои муайян намудани ҳолати муосири муҳоҷирати

меҳнатӣ дар минтақа ва таъсири он ба бахши кишварзии минтақа;

5. Таҳлил ва муайян кардани омилҳои таъсиррасон ба афзоиши муҳоҷират дар бозори меҳнат ва пешниҳоди роҳҳои ҳалли он;

6. Муайян ва пешниҳод намудани самтҳои афзалиятноки идоракунии муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзии минтақа;

7. Такмили механизми идоракунии раванди муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзии вилояти Хатлон.

Асоснокӣ ва эътимоднокии андешаҳои назариявӣ, хулосаю пешниҳодҳои мушаххаси дар диссертатсия овардашуда дар рушду густариши назариявии низоми танзими муҳоҷирати меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзии бозори меҳнати минтақавӣ саҳмгузор хоҳад шуд. Ҳамчунин ҷанбаҳои назариявӣ ва механизмҳои амалии арзёбӣ ва танзими равандҳои муҳоҷират дар бахши кишоварзии минтақавӣ, пешниҳодҳои вобаста ба муайян кардани омилҳои таъсиррасон ба афзоиши муҳоҷират дар бозори меҳнат ва роҳҳои ҳалли он дараҷаи баланди асоснокӣ ва эътимоднокии кори диссертатсионии Кабиров Шарофудин Раҳмудиновичро исбот менамояд.

**5. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифода онҳо.** Муқаррароти кори диссертатсионӣ барои васеъ намудани ҷанбаҳои методӣ, методолога ва илмии таҳқиқот дар самти фаъолияти амалӣ ҳангоми идоракунии муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзии минтақа, такмили қонунгузорӣ ва таҳияи тадбирҳо дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ ба таври васеъ истифода бурдан мумкин аст. Илова бар ин, истифодаи маводи таҳқиқот ҳангоми хондани лексияҳо оид ба курси «Бозори меҳнат», «Иқтисодиёт ва идоракунӣ», «Менеҷмент» ҳамчунин, ҳангоми хондани маърӯзаҳо дар курси махсус дар ихтисосҳои иқтисодии макотиби олӣ мувофиқи мақсад аст.

**6. Аҳамияти амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии таҳқиқот.** Истифодабарии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, тавсияҳо, тадбирҳои пешниҳодшуда, роҳҳо, заминаҳо ва равандҳои такмили низоми идораи муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзии минтақа метавонанд дар фаъолияти мақомоти минтақавӣ ва маҳаллии шуғл ва муҳоҷирати аҳолӣ барои такмили тактика ва таҳияи тадбирҳо дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ истифода гарданд.

**7. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷалаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Мақолаҳои интишоршудаи муаллиф, иқтибосҳои илмӣ ва хулосаю пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷойдоштаро дар худ инъикос намудаанд. Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот 13 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми 5,0 ҷузъи чопӣ, аз ҷумла 11 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумхурии Тоҷикистон тавсияшаванда ба нашр расидааст. Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар конфронсҳои илмӣ-амалии

байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, семинарҳо ва дигар чорабиниҳо илмӣ муҳокима шудаанд.

**8. Мутобиқати баррасмиятдарорин диссертатсия ба талаботи КОА.** Диссертатсияи Кабиров Шарофудин Раҳмудинович ба бандҳои меъёрҳои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм, омодасозии диссертатсия ва экспертизаи диссертатсия дар шурои диссертатсионӣ ва ба дигар талаботҳои Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумхурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдщ шудааст, ҷавобгуӣ мебошад.

**9. Натиҷаҳои кор ва ҷанбаҳои мусбии он.** Кори тақризшаванда аз муққадима, 3 боб, ҳашт зербоб, 27 ҷадвал, 10 раем, 3 диаграмма, хулоса, пешниҳод иборат буда, бо истифода аз 217 сарчашма таҳия карда шуда, дар 175 саҳифаи компютерӣ омода гардидааст.

**Қисмати муқаддамотии диссертатсия** асоноккунии мубрамии мавзуи илмӣ, мақсад ва вазифагузорӣ, далелнок кардани муқарраротн ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии кори анҷом додашударо дар бар мегирад.

**Дар боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявии таҳқиқи бахши кишоварзии бозори меҳнат дар замони муосир ва алоқамандии он бо муҳоҷирати меҳнатӣ»** масъалаҳои асосҳои назариявии таҳқиқи бозори меҳнат ва муҳоҷират дар соҳаи кишоварзӣ, методикаи арзёбии равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзии минтақа ва имкониятҳои истифодаи таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ оид ба таъсири муҳоҷират ба бахши кишварзии минтақа мавриди баррасӣ ва таҳдил қарор гирифтаанд.

Аз таҳлили назарияҳои баррасишуда дар кор дуруст хулоса шудааст, ки бозори меҳнати бахши кишоварзӣ вобаста ба хусусияти меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ, вижагиҳои ҳудудии он ва тақсимоти захираҳои меҳнатӣ дар минтақа хусусиятҳои ба худ хос касб мекунад. Ин ҳолат бо он шарҳ дода шудааст, ки махсусгардонӣ ва ноҳиябандии истеҳсолоти кишоварзӣ пеш аз ҳама, ба шароити табиию иқлимӣ ва тақсимоти меҳнат, хусусиятҳои зиндагии сокинони мавзеи деҳот, ки бо онҳо хос аст, вобаста мебошад (саҳ. 24).

Муаллиф дуруст қайд кардааст, ки "меъёрҳои арзиши меҳнат дар бозори меҳнат ба чунин омилҳо ба монанди шароити кироя қувваи корӣ, сатҳ ва андозаи музди меҳнат, шароити кор, бехатарии кор, имкониятҳои таҳсил, такмили ихтисос ва ғайра арзёбӣ карда мешавад" (саҳ. 27).

Дар ин бахши диссертатсия муаллиф методологияи таҳлили таъсири равандҳои муҳоҷират ба соҳаи кишоварзии минтақаро пешниҳод кардааст (саҳ. 42), ки он аз 3 қисм (муносибати маҷмуӣ, равиши функсионалӣ, равиши ҳамгирошуда) иборат буда, тавассути он метавон, ба ақидаи муаллиф, теъдоди

оптимални қобили қабули муҳоҷиратро муайян кард.

Дар хотимаи ин боб муаллиф тавсия медиҳад, ки истифодаи механизми идоракунии раванди муҳоҷират дар бозори меҳнат дар кишварҳои хориҷӣ (Олмон, Франсия, Россия) барои ҷалби коргарони маҳаллӣ ба корҳои мавсимӣ сохтани платформаи онлайн бо ҷой додани эълон дар он дар бораи ҷойҳои кор ва дигар маълумоти марбут ба корҳои саҳрой ба роҳ монда шавад.

**Дар боби дуюм «Таҳлили равандҳои муосири муҳоҷират дар бозори меҳнат ва таъсири он ба бахши кишоварзии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон»** масоили марбут ба ҳолати муосири муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақа ва таъсири он ба бахши кишоварзӣ, таҳлил ва муайян намудани омилҳои таъсиррасон ба афзоиши муҳоҷират дар бозори меҳнат, кластерикунонӣ ҳамчун усули коҳишдиҳии таъсири номатлуби муҳоҷирати қувваи корӣ ба бахши кишоварзии вилояти Хатлон баррасӣ шудаанд.

Дар ин боб қайд шудааст, ки дар ноҳияҳои дурдасти вилояти Хатлон соҳаи кишоварзӣ ва инфрасохтори деҳот дар сатҳи паст қарор доранд. Маҳз аз ин сабаб қисми бештари аҳолӣ маҷбур мешавад, ки бо мақсади дарёфти даромад ва беҳтарсозии шароити ҳаёти оилаҳои хуш ҷойи зисти худро тарк намояд (саҳ. 62).

Ба андешаи муаллиф яке аз сабабҳои асосии афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар давраи солҳои 2016-2021 дар вилояти Хатлон ин паҳншавии бемории COVID-19 мебошад (саҳ. 65). Дар ҳамин радиф муаллиф қайд кардааст, ки "кам гардидани сафи аҳолӣ ба сифати муҳоҷир дар вилояти Хатлон яке аз омилҳои муҳимми суръатдиҳӣ ба пешрафти соҳаҳои кишоварзӣ буда, дар баробари масъалаҳои истиқлолияти энергетикӣ, баромадан аз ҳалқаи коммуникатсионӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати мамлакат, яке аз афзалиятҳои муҳим ба ҳисоб рафта, ҳалли саривақтии худро талаб менамояд" (саҳ. 67).

Минбаъд дар ин боб муаллиф масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатии занонро таҳқиқ намуда як қатор тадбирҳо барои кам карлани теъдоди онҳоро пешниҳод кардааст (саҳ. 67-71).

Яке аз омилҳои кам шудани сафи муҳоҷиронро дар шаш соли охир (2016-2021) диссертант дар зиёд шудани корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ мебинад (саҳ. 72).

Бо андешаи муаллиф таҳқиқоти гузаронидашуда нишон дод, ки бештари аҳолии вилояти Хатлон нияти муҳоҷиршавиро надорад. Аммо омилҳои муайяннамудаи диссертант, ба монанди: ҳодисаҳои фавқулода, музди меҳнати паст дар соҳаи кишоварзӣ, зиёдшавии аҳолӣ, бекорӣ, зиёдшавии шумораи корхонаҳои кишоварзии зарардида, водор менамояд, ки аҳолӣ роҳи муҳоҷиратро интихоб намояд (саҳ. 93).

Дар ин боб диссертант кӯшиш намудааст, ки шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон бо усулҳои таҳлили кластерӣ ба 3 кластер, аз руи таъсири манфии муҳоҷират ба нишодиҳандаҳои кишоварзӣ, ҷудо кунад (саҳ. 105-106).

**Боби сеюми диссертатсия «Роҳҳои такмилдиҳии механизми идоракунии равандҳои муҳоҷират дар бозори меҳнати минтақавӣ ва коҳишдиҳии таъсири он ба бахши кишоварзӣ»** ба таҳқиқи самтҳои афзалиятноки идоракунии муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзӣ, такмили механизми идоракунии раванди муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзии вилояти Хатлон бахшида шудааст.

Дар ин бобат муаллиф дуруст қайд мекунад, ки имкониятҳои рушди минтақаҳои кишвар бештар аз фаъолияти муваффақонаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар танзими ҳаракати меҳнатии аҳолӣ дар бозори меҳнати кишоварзӣ вобаста аст. Аз ин хотир, танзими давлатии равандҳои муҳоҷират ва истифодаи самараноки он дар рушди иқтисодиёти кишоварзии вилояти Хатлон яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи мақомоти ҳокимияти давлати мебошад (саҳ.110).

Дар ин боб таъкид гаштааст, ки "фароҳам овардани шароит барои коҳиши муҳоҷират бо мақсади боздошти захираҳои меҳнатии баландсифат дар вилояти Хатлон, ки иқтидори онҳо метавонад дар татбиқи яке аз ҳадафҳои стратеги, яъне таъмини амнияти озуқаворӣ истифода шавад, тадбирҳои зарурӣро тақозо мекунад. Дар ин ҳолат рушди соҳаи кишоварзӣ ва деҳоти вилояти Хатлон метавонанд дар паст кардани чараёни муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа саҳмгузор бошанд ва ҳамзамон қувваи кории дохилиро аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатии баргашта дар рушди иқтисодиёти вилоят самаранок истифода баранд. (саҳ. 113).

Дар байни механизмҳои асосии идоракунии муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзӣ дар диссертатсия ҳавасмандгардонии иқтидори меҳнатии мавҷуда дар вилоят, истифодаи оқилонаи онҳо, танзими бозори маҳаллии меҳнат, решакан кардани нақшаҳои коррупсионӣ дар соҳаи муҳоҷират номбар шудаанд (саҳ. 113-114).

Баъдан дар ин боб сохтори механизми идоракунии раванди муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзии минтақа пешниҳод мегардад (саҳ. 135). Диссертант тасдиқ кардааст, ки танҳо чунин сохтори механизми идоракунии раванди муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзӣ возеҳият, пешбинишаванда ва эътимоднокии фаъолияти субъектҳои бозори меҳнат иштирокчиёни меҳнатро таъмин менамояд. Барои амалӣ намудани вазифаҳои бозори меҳнат муҳити институтсионалиро: биржаҳои меҳнат, марказҳои шуғли аҳоли (хизматрасони), иттифоқҳои касаба, хадамоти муҳоҷират, хадамоти таълими кадрҳо, хадамоти ҳалли баҳсҳои меҳнатии коллективӣ ва инфрасохтори ҳамгирошудаи чандирро, ки

метавонад дар шароити маҳаллӣ самаранок фаъолият кунад, ташаккул додан лозим аст (саҳ. 138).

**6. Камбудию норасогиҳои кори диссертатсионӣ.** Дар кори диссертатсионӣ баъзе камбудию норасогиҳо ҷой доранд, аз ҷумла:

1. Муаллифӣ будани таърифи пешниҳодшудаи "бозори меҳнати соҳаи кишоварзии минтақа" камтар асоснок карда шудааст.
2. Арзиши диссертатсия балантар мешуд, агар татбиқи методология оид ба муайян кардани теъдоди оптималии муҳоҷират аз соҳаи кишоварзӣ, ки дар боби 1-диссертатсия пешниҳод шудааст, дар мисоли вилояти Хатлон амалӣ мегашт.
3. Муаллиф таклифи истифодаи платформаҳои рақамиро барои ҷалби қувваи корӣ ба кор дар соҳаи кишоварзӣ манзур намуда, чунин платформаҳои амалкунандаро дар Тоҷикистон таҳлил накардааст.
4. Баъзе хулосаҳои зербобии пешниҳоднамудаи муаллиф (саҳ. 28, 76, 94, 108), аз ҷумла дар қатори "омилҳои таъсиррасон ба зиёдшавии муҳоҷӣрат" номбар кардани "музди меҳнати паст", "зиёдшавии аҳолӣ" (саҳ. 93) фактҳои қаблан айёнгашта мебошанд.
5. Дар диссертатсия ҳодисаи "муҳоҷират дар соҳаи кишоварзӣ" таҳти баррасӣ қарор гирифта бошад ҳам, дар он усули ҷудо кардани қувваҳои кории (захираҳои меҳнатии) кишоварзӣ аз қувваи кории (захираҳои меҳнатии) минтақа пешниҳод нагардидааст.
6. Муаллиф ҳангоми баёни баъзе натиҷаҳои илмии диссертатсия ба хатогиҳои синтаксисӣ роҳ додааст, ба монанди "муайян карда шуд, ки идоракунии раванди муҳоҷирати меҳнатӣ ва бо ҷойи кор таъмин намудани он мураккабтар маҳсуб меёбад" (саҳ. 148).

Эродҳои болозикр сатҳи баланди назариявию амалии таҳқиқоти Кабиров Шарофудин Раҳмудиновичро коҳиш намедиҳанд.

Дар умум, диссертатсияи Кабиров Шарофудин Раҳмудинович таҳқиқоти ҷиддии илмӣ-амалӣ буда, дорои навгониҳои илмӣ, тавсияҳо ва пешниҳодҳои методӣ ва амалӣ дошта, мустақилияти унвонҷӯйро дар масъалаҳои таҳқиқи мукаммалгардонии низоми идораи паст кардани таъсири манфии равандҳои муҳоҷират дар бахши кишоварзии бозори меҳнати минтақавӣ муаррифӣ намудааст.

Автореферат ва мақолаҳои илмии нашршуда мазмуни асосии диссертатсияро дар худ инъикос намудаанд.

Аз нигоҳи мазмуни илмие,ки шаш муқаррароти нуқтаи ҳимояшаванда пешниҳод, мундариҷа ва шакли баён диссертатсияи Кабиров Шарофудин Раҳмудинович дар мавзуи "Таъсири равандҳои муҳоҷират дар бахши кишоварзии бозори меҳнати минтақавӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)" кори

илмии тахассусӣ буда, дар ҳалли муамои илмӣ, ки аҳамияти муҳими афзалиятнокро дар таҳкими механизмҳои паст кардани таъсири муҳоҷират ба бозори меҳнати кишоварзии минтақавӣ доро аст, ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Кабиров Шарофудин Раҳмудинович сазовори гирифтани дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
мудири шуъбаи таҳсилоти касбӣ
ва тайёр кардани кадрҳои коргарии
Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират
ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат,
муҳоҷират ва шуғли аҳолии
Ҷумҳурии Тоҷикистон **Ашуров С.Б.**

**Суроға:** ш. Душанбе, х.Борбад 71
**Почтаи электронӣ:** s.burhoniyon@gmail.com
**Телефон:** (+992) 239-18-38

Имзои С. Ашуровро тасдиқ мекунам:
Мудири шӯъбаи кадрҳои
МД «Пажӯҳишгоҳи меҳнат,
муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ»-и
Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва
шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон **Султонбекова С.Ш.**